# ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсионии Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович дар мавзӯи “Таъсири гепатопротектории маҷмӯи растаниҳои доругии маводи «Гепатрил» ҳангоми осеби токсикии ҷигар бо $CCl_4$”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ.**

Доруҳое, ки аз ашъёи хоми табий ба даст оварда мешаввад, барои амалияи тиб ва фарматсевтӣ ниҳоят муҳим буданд ва хоҳанд монд. Базаи ашъёи хоми гиёҳҳои шифобахши Тоҷикистон бой ва гуногун буда, доираи доруҳои гиёҳии мавҷуда ва инкишофёфта қариб ҳамаи гуруҳҳои фармакологиро фаро мегирад. Инро муаллиф дар назар гирифта моҳияти амалӣ таҳқиқоти худро барои ҷорӣ намудани маводи растанигии "Гепатрил", ҳамчун гепатопротектори нав, ки бо истифодаи аз растаниҳои шифобахши флораи Тоҷикистон таҳия намудааст, ки ба рӯйхати гепатопротекторҳои растанигии ватани зам намуда, ба беҳтар намудани табобат ва пешгирии тағйиротҳои бемориҳои музмини ҷигар мусоидат карда метавонад.

Бисёр доруҳои гиёҳӣ ба ҳолати функсионалии мембранаи гепатоситҳо ва дар ин замина мусоидат ба муътадилшавии равандҳои метаболикии ҷигар ва барқарорсозии сохторӣ он мусоидат мекунанд. Дар айни замон, доруҳои гепатопротекторӣ, ки хосиятҳои антиоксидантӣ, муътадилсозии мембрана, бартарафи заҳролудшавӣ, заҳрароні, иммуномодуляторӣ ва дигар намудҳои таъсири фармакологӣ ва биокимиёи доранд, васеъ истифода бурда мешаванд (Смольякова М.Б. ва муалифон 2011).

Бо назардошти камбудӣ доруҳои гепатопротектории рустанигӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва омӯзиши маводи нави гепатопротекторӣ "Гепатрил", дар асоси рустаниҳои шифоии таркибашон аз моддаҳои фаъоли биологӣ бойи решаи ширинбия *«Glycyrrhiza glabra L.»*, астрагали фахдошта *«Astragalus lasiosemius Boiss»*,

пӯстлохи дарахти тӯс *«Betula servchanica V.»* ва лагенарияи маъмулӣ *«Lagenaria siceraria».* ки таъсироти гепатопротекторӣ ва мембраноҳифозатиро доро мебошанд ва дар табобат ва пешгирии бемориҳои ҷигар ва гепатобиллиари муҳиманд яке аз проблемаҳои мубрам баҳисоб меравад.

Ҳамин тавр кори унвонҷуй Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович дар мавзӯи "Таъсири гепатопротектории маҷмӯи растаниҳои доругии маводи «Гепатрил» ҳангоми осеби токсикии ҷигар бо $CCl_4$", ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ баррасӣ карда шавад. ҷавобгӯ аст ба талаботҳои банди 3 п. 31,33,34 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда аз 30 июни соли 2021 №267, ки ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ пешбини шудааст ва ба ихтисоси шурои диссертатсионии 6D.KOA –031 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» мувофиқат мекунад ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ сазовор дониста мешаввад.

Муқарриз:

н.и.б., Мудири кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисодиёти дорусозӣ, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилооти фармасевтии МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" Ҷамшедов Ҷ.Н.

Имзои Ҷамшедов Ҷ.Н. -. ро тасдиқ мекунам сардори шуъбаи кадрҳои МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"

ШУЪБАИ КАДРҲО

Маълумот барои тамос: Муассисаи таълимии ғайридавлатии "Донишкадаи тиббӣиҷтимоии Тоҷикистон" 734018 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Клара Сеткина-2, Тел:+992988569222